# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (ш. Душанбе, 2026 сол)

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар марҳилаи муосири рушди давлатдории ҳуқуқбунёд ва иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи такмили заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти калидӣ касб намудааст. Яке аз чунин субъектҳо ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мебошанд, ки ҳамчун шакли ҳамгироии ихтиёрии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои татбиқи манфиатҳои умумӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди муносибатҳои касбӣ таъсис дода мешаванд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки нақши чунин иттиҳодияҳо дар иқтисоди миллӣ ва низоми муносибатҳои иҷтимоӣ рӯ ба афзоиш дорад. Онҳо дар ташаккули муҳити рақобатпазир, муттаҳидсозии захираҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ, ҳимояи манфиатҳои касбӣ ва таъмини муколамаи байни давлат ва ҷомеа саҳми назаррас мегузоранд. Бо вуҷуди ин, таҳлили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба таври кофӣ мукаммал ва ҳамоҳанг нест.

Махсусан, дар қонунгузории маданӣ масъалаҳои марбут ба муайян намудани мафҳуми дақиқи ассотсиатсия ва иттифоқ, фарқгузории онҳо аз дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ, доираи ҳуқуққобилият, имконияти машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, тартиби иштироки ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин низоми ҷавобгарии молумулкӣ пурра ва мушаххас танзим нашудаанд. Ин норасоӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ боиси ихтилоф дар шарҳи меъёрҳо, мушкилот дар бақайдгирӣ ва идоракунии чунин субъектҳо мегардад.

Илова бар ин, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ, ташаккули гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, холдингҳо ва дигар шаклҳои

ҳамкории корпоративӣ талаб менамоянд, ки қонунгузорӣ ба воқеияти нави иқтисодӣ мутобиқ гардонида шавад. Номуайянӣ дар муайян намудани мақоми ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) метавонад ба суботи муносибатҳои молумулкӣ ва эътимоди иштирокчиёни муомилоти шаҳрвандӣ таъсири манфӣ расонад.

Аз ҷиҳати назариявӣ низ мавзуи мазкур то имрӯз дар илми ҳуқуқи маданӣ ба таври комплексӣ таҳқиқ нашуда, масъалаҳои консептуалӣ, аз ҷумла табиати ҳуқуқии чунин иттиҳодияҳо, ҷойгоҳи онҳо дар низоми шахсони ҳуқуқӣ ва хусусияти муносибатҳои корпоративӣ, ниёз ба баррасии амиқ доранд.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, таҳқиқи масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), муайян намудани холигиҳо ва зиддиятҳои қонунгузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳои илмии асоснок ҷиҳати такмили меъёрҳои амалкунанда аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар таҳқиқи маҷмуи ва низомноки масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Дар рисола бори аввал дар илми ҳуқуқи маданӣ масъалаи муайян намудани ҷойгоҳи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳамчун шакли мустақили ташкилию ҳуқуқии субъектҳои ғайритиҷоратӣ дар робита бо рушди муносибатҳои корпоративӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Муаллиф дар асоси таҳлили муқоисавии қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии хориҷӣ як қатор хулосаҳои назариявии нав ба миён гузоштааст, ки ба такмили фаҳмиши моҳияти ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), доираи ҳуқуққобилият ва хусусиятҳои ҷавобгарии онҳо равона шудаанд. Дар диссертатсия номуайянии меъёрҳои амалкунанда ошкор гардида, роҳҳои бартараф намудани холигиҳо ва ихтилофоти ҳуқуқӣ пешниҳод шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар дақиқсозии мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии ассотсиатсия (иттифоқ) ифода меёбад. Дар диссертатсия бо такя ба таҳлили муфассали қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи бақайдгирӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, инчунин мавқеъҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ҷойгоҳи ассотсиатсияҳо дар низоми шахсони ҳуқуқӣ аз нав арзёбӣ ва мушаххас гардонида шудааст. Муаллиф мавқеи илмии худро оид ба доираи ҳуқуққобилият, имконияти иштироки ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин масъалаи фаъолияти соҳибкорӣ бо далелҳои назариявӣ ва амалии муътамад асоснок намудааст.

Навоварии таҳқиқ ҳамчунин дар таҳияи меъёрҳои дақиқи фарқгузории ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) аз дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳо

ва дигар сохторҳои корпоративӣ, ифода меёбад. Дар диссертатсия нишон дода мешавад, ки номуайянии чунин меъёрҳо дар амалия боиси ихтилоф дар шарҳи ҳуқуқӣ ва мушкилот дар фаъолияти онҳо мегардад ва пешниҳодҳои илмии муаллиф ба рафъи ин камбудиҳо равона шудаанд.

Дар кори мазкур бори аввал дар доираи илми ҳуқуқи маданӣ таҳлили мукаммали масъалаи ҷавобгарии молумулкии ассотсиатсияҳо (иттифоққҳо), аз ҷумла масъулияти субсидиарӣ ва иловагӣ, анҷом дода шуда, зарурати муқаррар намудани низоми ягона ва императивии масъулият илмӣ асоснок карда шудааст. Илова бар ин, пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили муқаррароти моддаи 129 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эътирофи санадҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаи танзими дохилӣ дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, метавонанд ба баланд бардоштани дақиқии ҳуқуқӣ ва таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат намоянд.

**Асосонкӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бар пояи таҳлили муфассали манбаъҳои меъёрӣ, назарияҳои муосири ҳуқуқи маданӣ ва омузиши амалӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф масъалаҳои мавриди баррасиро на танҳо аз нигоҳи матни қонун, балки дар иртибот бо мушкилоти татбиқи амалии онҳо таҳлил намуда, ба натиҷаҳои мантиқӣ ва пайгирона расидааст.

Эътимоднокии натиҷаҳо бо истифодаи маҷмуи васеи сарчашмаҳои илмӣ, таҳқиқоти муқоисавӣ ва арзёбии таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ таъмин шудааст. Хулосаҳо дар заминаи таҳлили интиқодӣ, муқоисаи мавқеъҳои гуногуни илмӣ ва ҷамъбасти далелҳои назариявию амалӣ ба даст омадаанд, ки ин ба онҳо устувории илмӣ мебахшад.

Тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти декларативӣ надошта, баръакс, бо мушкилоти воқеии амалияи ҳуқуқӣ робитаи мустақим доранд. Онҳо ба бартараф намудани номуайяниҳои меъёрӣ, ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ ва таъмини устувории муносибатҳои корпоративӣ равона гардидаанд. Мантиқи дохилии таҳқиқ, муттасилӣ ва пайдарпайии баррасии масъалаҳо нишон медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомада аз таҳлили амиқ ва системавӣ сарчашма мегиранд.

Ҳамин тариқ, хулосаю тавсияҳои ифодаёфта дорои заминаи устувори назариявӣ ва арзиши амалӣ буда, метавонанд ҳамчун асос барои такмили қонунгузорӣ ва рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисола аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар қисми муқаддимаи рисола зарурати интихоби мавзуи таҳқиқ аз ҷиҳати аҳаммияти илмӣ ва амалӣ бо далелҳои муътамад асоснок гардидааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар доираи назарияи ҳуқуқи

маданӣ ва таҷрибаи амалии татбиқи меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), махсусан муқаррароти моддаи 129 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои ҳалталаб ва номуайянии ҳуқуқӣ мавҷуданд. Бартараф намудани ин мушкилот барои таъмини ягонагии шарҳи қонун ва татбиқи дурусти он аҳаммияти ҷиддӣ дорад.

Ҳамзамон, дар муқаддима ҳудуди таҳқиқ ба таври дақиқ муайян гардида, мақсад ва вазифаҳои илмӣ, объект ва предмети омӯзиш, асосҳои методологӣ, инчунин унсурҳои навгонии илмӣ ва арзиши амалии натиҷаҳои бадастомада мушаххас ифода ёфтаанд. Ин омилҳо рисоларо ҳамчун таҳқиқоти мустақил, дорои мантиқи илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ муаррифӣ менамоянд.

**Дар боби якуми диссертатсия «Таъмини ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)»** асосҳои назариявӣ ва меъёрии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Муаллиф масъалаҳои марбут ба моҳияти ҳуқуқӣ, аломатҳо, намудҳо ва тартиби таъсиси чунин иттиҳодияҳоро дар заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи муқоисавии хориҷӣ баррасӣ менамояд.

Дар зербоби аввал мафҳум ва табиати ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таҳлил гардида, ҷойгоҳи онҳо дар низоми шахсони ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Муаллиф бо такя ба таҳлили назариявӣ ва таърихӣ нишон медиҳад, ки ассотсиатсияҳо ҳамчун шакли муттаҳидсозии ихтиёрии субъектҳо дорои хусусиятҳои фарққунанда мебошанд ва барои ҳамоҳангсозии фаъолият, ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва рушди муносибатҳои касбӣ таъсис дода мешаванд.

Зикр мешавад, ки мутобиқи м. 129 Кодекси мадании ҶТ, ассотсиатсия (иттифоқ) ҳамчун иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва (ё) воқеӣ муайян карда мешавад. Аммо сарлавҳаи модда – «Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо)» нишон медиҳад, ки сухан танҳо дар бораи шахсони ҳуқуқӣ меравад. Ба ин муносибат, тағйир додани номи моддаи 129 Кодекси мадании ҶТ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад: «Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (иттиҳодияҳо ва иттифоқҳо)» (саҳ.25).

Дар зербоби дуюм тартиби таъсис, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва хусусиятҳои шартномаи таъсисӣ ҳамчун асоси ҳуқуқии ташкили ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таҳлил мегарданд. Муаллиф шартномаи таъсисиро ҳамчун шакли амалисозии ҳуқуқ ба иттиҳодия арзёбӣ намуда, нақши онро дар муайян намудани сохтор, ваколатҳо ва механизми идоракунӣ асоснок мекунад. Ҳамзамон масъалаҳои барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳӣ низ дар заминаи меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешаванд.

Баён мешавад, ки имрӯзҳо тақсимоти қонунии шахсони ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ боиси баҳсу мунозираҳо гаштааст. Ин ба он далел аст, ки ассотсиатсия ва иттифоқҳо сарфи назар аз мақоми худ, инчунин ҳуқуқ доранд, ки бо вуҷуди маҳдудияти муайян ба

фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд .

Тақсимоти шахсони ҳуқуқӣ ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ (м. 50 Кодекси мадании ҶТ) дуруст аст, зеро агар он бекор карда шавад, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (фондҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) имкониятҳои номаҳдудро дар фаъолияти соҳибкорие, ки бо хусусияти максади қобилияти ҳуқуқияшон асоснок нагардидааст, пайдо мекунанд (саҳ.33).

Муассисони ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо метавонанд ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам ташкилотҳо бошанд, агар ин хилофи меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ набошад. Дар баробари ин, мақомотҳои давлатӣ низ ҳуқуқ доранд, чунин сохторҳоро танҳо дар шакли ниҳодҳои давлатӣ таъсис диҳанд, ки аз мақоми хос доштани чунин созмонҳо дарак медиҳад (саҳ.54).

Дар маҷмуъ, боби якум заминаи назариявию методологиро барои таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) фароҳам оварда, пояи илмии таҳлили шаклҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо дар бобҳои баъдӣ мебошад.

**Дар боби дуюми** диссертатсия «Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими фаъолияти иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтаанд. Муаллиф низоми сарчашмаҳои ҳуқуқиро, ки фаъолияти чунин иттиҳодияҳоро танзим менамоянд, аз нуқтаи назари сохторӣ ва мазмунӣ арзёбӣ мекунад.

Дар зербоби аввал санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун пояи асосии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) баррасӣ мешаванд. Муаллиф нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои соҳавиро дар муайян намудани мақоми ҳуқуқӣ, тартиби таъсис, фаъолияти идоракунӣ ва ҷавобгарии чунин иттиҳодияҳо таҳлил менамояд.

Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими институтҳои демократӣ мусоидат мекунад. Ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, сафарбар намудани шаҳрвандон ба иштирок дар равандҳои сиёсию ҷамъиятӣ нақши калон мебозанд. Танзими ҳуқуқӣ шаффофият ва қонунӣ будани фаъолияти онҳоро таъмин намуда, суиистифода ва коррупсияро пешгирӣ мекунад, ки ин ба таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ва назорати ҷамъиятӣ, мусоидат мекунад (саҳ.79).

Ҳамзамон мушкилоти марбут ба пароканадагии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва норасоии танзими мукаммал муайян карда шуда, зарурати ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ асоснок мегардад.

Дар зербоби дуюм масъалаи санадҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаи дохилии танзими фаъолияти иттиҳодияҳо таҳқиқ мешавад. Муаллиф оинномa ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилиро ҳамчун воситаи муҳимми танзими

муносибатҳои байни иштирокчиён арзёбӣ намуда, пешниҳод менамояд, ки мақоми ҳуқуқии чунин санадҳо дар қонунгузории маданӣ ба таври возеҳ инъикос ёбад.

**Боби сеюми** диссертатсия «Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)» ба таҳлили амиқи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) бахшида шуда, масъалаҳои марбут ба мақоми ҳуқуқии онҳо дар низоми шахсони ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои фаъолияти иттиҳодияҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби аввал иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ҳамчун шакли махсуси ҳамгироии корпоративӣ таҳлил мегарданд. Муаллиф моҳияти чунин иттиҳодияҳоро аз нуқтаи назари ҳуқуқи маданӣ арзёбӣ намуда, хусусиятҳои ташаккул, сохтори идоракунӣ, доираи ҳуқуққобилият ва масъалаҳои ҷавобгарии молумулкии онҳоро таҳлил мекунад. Ҳамзамон, мушкилоти марбут ба номуайянии мақоми ҳуқуқии баъзе шаклҳои амалии иттиҳодияҳои соҳибкорӣ (аз қабили гурӯҳҳои молиявию саноатӣ ва холдингҳо) муайян гардида, зарурати такмили танзими меъёрии онҳо асоснок мегардад.

Дар хулосаи зербоби мазкур муаллиф, аз ҷумла қабул намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи гурӯҳҳои молиявию саноатӣ»-ро зарур мешуморад (саҳ.134).

Дар зербоби дуюм ассотсиатсияҳо (иттифоқҳои) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо таҳлил мешаванд. Муаллиф нақши чунин иттиҳодияҳоро дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳифзи манфиатҳои касбӣ ва иҷтимоӣ ва таъмини муколамаи байни давлат ва ҷомеа арзёбӣ менамояд. Дар баробари ин, масъалаҳои марбут ба ҳуқуққобилият, фаъолияти соҳибкорӣ дар доираи ҳадафҳои оинномавӣ ва ҷавобгарии чунин ташкилотҳо аз нуқтаи назари назариявӣ ва амалӣ баррасӣ карда мешаванд.

Асоснок мегардад, ки фаъолияти ташкилоти ғайритиҷоратӣ пеш аз ҳама ба манфиати тамоми ҷамъият ё як қисми он нигаронида шудааст. Барои ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ки фаъолияташ баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои муфиди иҷтимоӣ нигаронида шудааст, низоми ҳуқуқӣ бояд имтиёзҳои бештари ҳавасмандкунандаи давлатро пешбинӣ намояд (саҳ.136).

Дар маҷмуъ, боби сеюм ҷойгоҳи ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро дар низоми шаклҳои ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ мушаххас намуда, заминаи илмиро барои пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузории маданӣ фароҳам меорад.

Хулосаи диссертатсия 9 банди дорои аҳаммияти назариявӣ ва 5 банди дорои хусусияти амалиро дарбар мегирад, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашударо ҷамъбаст намуда, дорои низоми мантиқӣ ва пайдарпай мебошад.

Муаллиф дар хулоса ҷойгоҳи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро дар низоми шахсони ҳуқуқӣ аз нав арзёбӣ намуда, зарурати дақиқсозии

мафҳум, аломатҳо ва доираи ҳуқуққобилияти онҳоро асоснок кардааст. Ҳамзамон, масъалаҳои марбут ба иштироки ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар ҳайати як иттиҳодия, ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва такмили низоми ҷавобгарии молумулкӣ бо далелҳои назариявӣ ва амалии муътамад ҷамъбаст гардидаанд.

Дар қисми хулоса, инчунин як қатор тавсияҳои мушаххаси қонунгузорӣ пешниҳод шудаанд, ки ба такмили моддаи 129 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими танзими меъёрии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) равона гардидаанд. Ин пешниҳодҳо ба бартараф намудани холигиҳо ва номуайяниҳои ҳуқуқӣ, таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва рушди устувори муносибатҳои корпоративӣ мусоидат мекунанд.

Дар маҷмуъ, хулосаи диссертатсия мазмуни таҳқиқро пурра инъикос намуда, аз пайвастагии назария ва амалия шаҳодат медиҳад ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти назаррас доранд. Дар диссертатсия масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) бо равиши системавӣ баррасӣ гардида, як қатор масъалаҳои баҳсталаб аз нав тафсир ва арзёбӣ шудаанд. Ин таҳқиқ ба ғанӣ гардидани заминаи назариявии муносибатҳои корпоративӣ ва такмили фаҳмиши табиати ҳуқуқии чунин иттиҳодияҳо мусоидат менамояд.

Аз ҷиҳати амалӣ, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти бақайдгирӣ, судҳо ва сохторҳои назоратӣ истифода шаванд. Пешниҳодҳои вобаста ба дақиқсозии муқаррароти қонунгузорӣ ва бартараф намудани номуайяниҳои мавҷуда метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии татбиқи қонун ва коҳиши ихтилофоти ҳуқуқӣ мусоидат намоянд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки мукаммал гардидани заминаи ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) шароити мусоид барои рушди ҳамкориҳои соҳибкорӣ, муттаҳидсозии захираҳо ва тақвияти рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидор фароҳам меорад. Ин омил метавонад ба беҳтар гардидани муҳити сармоягузорӣ ва густариши фаъолияти иқтисодӣ таъсири мусбат расонад.

Дар ҷанбаи иҷтимоӣ, таҳкими танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳимояи манфиатҳои касбӣ ва иҷтимоӣ ва тақвияти муколамаи байни давлат ва ҷомеа мусоидат менамояд. Фаъолияти самараноки чунин иттиҳодияҳо метавонад ба устувории иҷтимоӣ ва баланд гардидани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа замина гузорад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 17 мақолаҳои

илмӣ, аз ҷумла 9 адади онҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 8 мақоларо дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Шумора ва сатҳи маводи чопшуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир аз рӯйи мазмун, сохтор ва сатҳи иҷроиш ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат менамояд. Таҳқиқот ҳамчун кори илмии мустақилона анҷом дода шуда, дорои сохтори муназзам, пайдарпайии мантиқӣ ва мутобиқати дохилии қисмҳои таркибӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда дорои унсурҳои навгонии назаррас буда, бо таҳлили амиқи манбаъҳои меъёрӣ ва илмӣ асоснок гардидаанд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии муаллиф бо фаъолияти нашриявӣ, иштироки у дар ҳамоишҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, инчунин муҳокимаи натиҷаҳо дар муҳити илмӣ тасдиқ меёбанд.

Методологияи интихобгардида, сатҳи баланди коркарди манбаъҳо, таҳлили системавӣ ва муқоисавии масъалаҳо, инчунин услуби илмии баён шаҳодат медиҳанд, ки хулосаҳои бадастомада натиҷаи фаъолияти мустақилона, эҷодкорона ва илмии муаллиф мебошанд ва арзиши назариявию амалии воқеӣ доранд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон номбар намуд:

1. Бо пешниҳоди диссертант оид ба иваз намудани истилоҳи «иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ» ба «иттиҳоди шахсон» мо розӣ шуда наметавонем (саҳ. 9), чунки мафҳуми пешниҳодшудаи «иттиҳоди шахсон» хусусияти умумитар дошта, метавонад ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеиро дар бар гирад, ки ин аз як тараф метавонад доираи танзими ҳуқуқиро васеъ намояд, аммо аз ҷониби дигар ба вуҷуд омадани номуайянии ҳуқуқиро ба миён меорад.

2. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба ассотсиатсияҳо иҷозати мустақиман машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ дода шавад (саҳ. 10-12). Ҳамзамон ассотсиатсия ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошад, додани хукуки пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ ба он метавонад марзи байни ассотсиатсия ва холдинги оддиро аз байн барад.

3. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки меъёр дар бораи масъулияти субсидиарӣ (иловагӣ)-и иштирокчиён ворид карда шаванд (саҳ. 22-23). Ҳамзамон яке аз ангезаҳои асосии таъсиси чунин шахсони ҳуқуқӣ маҳдуд будани масъулияти иштирокчиён мебошад. Агар аъзои ассотсиатсия барои қарзҳои он бо молу мулки худ «ба таври ҳатмӣ» ҷавобгӯ бошанд, ин метавонад ҷолибияти чунин шакли иттиҳодро якбора коҳиш диҳад.

Бо дарназардошти эродҳо ва норасоиҳои дар боло қайдшуда, бояд таъкид намуд, ки онҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзёбии умумии илмӣ, назариявӣ ва амалии рисола таъсири ҳалкунанда намерасонанд, сатҳи анҷомёфт ва мукаммалии таҳқиқро халалдор намекунанд ва арзиши натиҷаҳои илмии бадастомадаро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар ҷумҳурии тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии
муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Аминова Ф.М.

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Н. Махсум, 85/1
Тел. 227-39-86; E-mail: farida.aminova.2016@mail.ru

**Имзои Ф.М. Аминоваро тасдиқ менамоям:**
Сардори Раёсати кадрҳои муассисаи
байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмоилова М.Н.

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН * МИНИСТЕРСТВО НАУКИ И ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ * МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50; Факс.: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru
«19» 01 соли 2026